«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон доктори илмҳои техникӣ, профессор Назарзода Х.Х.______________
«____»__________ соли 2023

# ТАҚРИЗИ

муассисаи пешбар ба диссертатсияи Муқимов Сафарбек Давлатбекович "Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон", барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08-Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст.

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илми эълоншуда.** Диссертатсияи Муқимов Сафарбек Давлатбекович "Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон", таҳқиқоти илмии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, аз ҷониби муаллиф ҳамаҷониба таҳқиқ гардида, ба яке аз мавзӯи мубрами илми ҳуқуқи ҷиноятӣ - ҷавобгарии ҷиноятӣ барои қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ бахшида шуда, мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 12.00.08 - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мутобиқ мебошад.

**Мубрам будани мавзӯи диссертатсия.** Диссертатсияи номзадии Диссертатсияи Муқимов Сафарбек Давлатбекович "Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон" ба яке аз мавзӯи мубрами илми

ҳуқуқи ҷиноятӣ бахшида шуда, дорои хусусияти ҳам назариявӣ ва ҳам амалӣ мебошад.

Мубрамияти мавзуъ бо як чанд омилҳои ҷиддӣ аз ҷониби муаллиф асоснок карда шудааст:

1) қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ яке аз ҷиноятҳои хатарнок ба муқобили саломатӣ мебошад, ки дар м. 111 КҶ ҶТ барои он ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар шудааст. Хавфи он пеш аз ҳама дар он аст, ки барои ҷамъият оқибати хавфнок дошта, ба солимии бардавоми инсон халал мерасонад. Ҳамзамон ба ҷабрдида зарари маънавӣ низ расонида мешавад, ки метавонад ба зиндагии минбаъдаи инсон таъсири манфӣ дошта бошад. Саломатӣ гуфта, ҳолати беҳбудии пурраи ҷисмонӣ, рӯҳӣ ва иҷтимоӣ, набудани беморӣ ва нуқсонҳои ҷисмониро меноманд. Дар ҳолати зарар дидани саломатии инсон, аз як тараф, ҷисми ӯ дучори ҷароҳат мешавад ва, аз тарафи дигар, хатари марг ва ё аз даст додани қисме аз саломатии худ ба ӯ таҳдид мекунад. Инсон танҳо дар сурати пурра солим будан метавонад аз ҳуқуқу озодиҳои худ истифода ·бурда, ҳамчун инсони комил дар муносибатҳои ҷамъиятӣ ширкат варзад. Бинобар ин, саломатӣ барои инсон неъмати бебаҳо маҳсуб шуда, зарар расонидан ба он на танҳо ба саломатии як шахс, балки ба саломатии аҳолӣ низ хатар дорад. Аз ин рӯ, омӯзиши ҷинояти қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ (м. 111 КҶ ҶТ) ва паҳлуҳои дигари он барои амалия ва назария мубрам ба ҳисоб меравад.

2) Мубрамияти мавзуъро ҳамчунин миқдори зиёди содиршавии ин ҷиноят ташкил медиҳад. Дар асоси маълумотҳои омории Раёсати омори судии Суди Олии ҶТ бармеояд, оид ба ҷинояти қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ (м. 111-и КҶ ҶТ) дар соли 2018 – 227 нафар, соли 2019 – 216 нафар, соли 2020 – 226 нафар ва дар

соли 2021 – 225 нафар маҳкум гардидаанд, ки ҳолати мазкур нигаронкунанда мебошад.

3) Ҳарчанд дар рисолаҳоии илмӣ, асарҳову мақолаҳои олимони ватанӣ баъзе паҳлуҳои масоили қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ аз рӯи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нигоҳи илмӣ ва амалӣ дар доираи маҳдуд вобаста ба дигар мавзӯҳо мавриди таҳлил қарор дода шуда бошад ҳам, аммо ҳанӯз таҳқиқотҳои бунёдӣ вобаста ба масъалаи мазкур ҷой надоранд. Новобаста аз он ки саҳми олимони ватанӣ ва хориҷӣ дар инкишофи назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ дар самти масоили матраҳшаванда назаррас аст, аммо то ҳол баъзе паҳлуҳои масъалаи қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ ва масъалаҳои банду басти он ба тадқиқоти маҷмуии мушаххас ниёз дорад.

Дар асоси гуфтаҳои зикргардида таҳлили ҳамаҷонибаи назариявии масъалаҳои "Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон", амалияи татбиқи меъёрҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ вобаста ба қасдан расониданӣ зарари миёна ба саломатӣ, коркарди тавсияҳои илман асоснок ҷиҳати мукаммалгардонии қонунгузории ҷиноятӣ дар замони имрӯза мубрам мебошанд.

Муаллиф ба пуррагӣ тавониста аст, ки дар доираи муқаддима, ду боб, шаш зербоб ва хулоса моҳитяти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионро баррасӣ кунад.

**Боби якуми диссертатсия** «Танзими ҳуқуқии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ: таҳлили таърихӣ ва таҳлили муқоисавӣ» аз ду зербоб иборат аст. Дар боби мазкур диққати асосӣ ба масъалаҳои таърихи ташаккули қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ ва таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории ҷиноятиии

давлатҳои пасошуравӣ оид ба қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ дода шудааст. Дар боби мазкур чунин хулосабарориҳои муаллиф хусусияти илмӣ доранд: 1) ҳангоми баррасии таърихи ташаккули қонунгузории ҷиноятии ҶТ оид ба қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ, диссертант чунин хулосаброриҳои дуруст намудааст : а) Аз рӯйи зараре, ки ба шахси зарардида расонида мешуд, Кодекси ҷиноятии ҶШФСР соли 1922 дараҷаи сесатҳии зарари ҷисмониро ба зарари вазнин, зарари каме вазнин ва зарари сабук асос қарор дода буд; б) дар КҶ ҶШС Тоҷикистон (соли 1935) қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ ҳамчун таркиби ҷиноят мавҷуд набуд; в) дар айни замон, ки барои қонунгузор осону содатар мебуд агар дар КҶ ҶТ дар ин замина аз мафҳуми «инсон» кор гирифта мешуд. Илми ҳуқуқи ҷиноятӣ, бояд мафҳумҳои «шахсият» ва «инсон»-ро ҳамчун ду мафҳуми баробармаъно арзёбӣ намояд. Дар баробари ин, барои қонунгузор роҳату осонтар мебуд, агар дар КҶ ҶТ аз мафҳуми «инсон» истифода мешуд. Қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ ан нигоҳи муаллиф унсури муҳими низоми ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт ва саломатӣ ба ҳисоб меравад, ки он дар КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст; 2) таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории ҷиноятиии давлатҳои пасошуравӣ оид ба қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ, ки зербоби дуюми боби аввалро ташкил додааст дорои чунин хулосаҳои мебошад, ки барои мукаммалнамоии КҶ ҶТ аҳамияти калон доранд: а) санксияи таркибҳои асосии тамоми давлатҳо-аъзои ИДМ ва соҳили Балтика алтернативӣ мебошанд ва аз ду то панҷ навъи ҷазои гуногунро дарбар мегиранд. Аз нуқтаи назари мо, формулае, ки аз сӯйи қонунгузори Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кор бурда шудааст, нисбатан мутобиқ ва мувофиқтар бо хусусият ва дараҷаи хавфи ҷамъиятии доштаи амали мавриди омӯзиш ба ҳисоб меравад. Дар айни замон, аз дидгоҳи мо зарур ва лозим аст, ки имкони

ворид сохтани ҷазои алтернативӣ нисбат ба ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ, ки он метавонад барои мисол, таъини корҳои ҳатмӣ бошад, мавриди омӯзиш қарор бигирад; б) қонунгузории давлатҳои аврупоӣ ба таври ҷиддӣ ҳам аз Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳам аз кодексҳои ҷиноятии давлатҳои ИДМ ва соҳили Балтика фарқ менамояд. Аз нигоҳи қонунгузори Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун нишондиҳандаи асосии хавфи иҷтимоӣ доштани сӯйиқасд ба саломатии инсон, ба таври анъанавӣ оқибатҳои ҷиноятӣ ба ҳисоб меравaнд. Мушаххасан, онҳо, яъне оқибатҳои ҷиноятӣ аломати ҷудокунандаи таркибҳои зарари вазнин, миёна ва сабук ба саломатии шахс дониста мешаванд.

Диссертант, хулосабарории дурусти мантиқӣ намуда, қайд мекунад, ки замони он фаро расидааст, ки меъёрҳои арзёбии ҷиноятҳои вобаста ба расонидани зарарҳои мухталифи вазнин ба саломатӣ бояд аз нав бознигарӣ гарданд. Дар ин замина, барои мо ҳуқуқи ҷиноятии давлатҳои Аврупо метавонад омӯзанда ва муфид бошанд. Дар миёни давлатҳои аврупоӣ, маъмулан, кишварҳое вуҷуд доранд, ки ба таври суннатӣ ва анъанавӣ бо қонунгузории ҷиноятии пешрафтаи худ фарқ мекунанд. Олмон, Австрия, Швейтсария, Белгия ва Фаронса ба гуруҳи чунин давлатҳо дохил мегарданд. Кишварҳои Аврупо бо надоштани бархурди ягона нисбат ба мавзуи конструксияи системаи ҷиноятҳо ба муқобили саломатӣ аз ҳам тафовут доранд.

**Боби дуюми диссертатсия** «Тавсифи ҳуқуқии ҷиноятии қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ» номгузорӣ шудааст, ки аз чор зербоб иборат мебошад. Дар ин боб диққати асосӣ ба объект ва предмети қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ, тарафи объективии қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ, субъект ва тарафи субъективии қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ, аломатҳои

вазнинкунандаи қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ дода шудааст.

Дар боби мазкур чунин хулосабориҳои муаллиф хусусияти илмиро доро мебошанд: 1) муаллиф асоснок намудааст, ки саломатӣ аз лаҳзаи ба дунё омадан ва то охири умри шахс ҳимояи ҳуқуқи ҷиноятӣ меёбад. Анҷоми қасд ва таҷовуз ба муқобили саломатии инсон дар ҳар лаҳзаи зиндагии шахс аз таваллуд гирифта, то то лаҳзаи марг имконпазир аст. Аз лиҳози ҳуқуқи ҷиноятӣ лаҳзаи таваллуди (лаҳзаи ба вуҷуд омадани ҳаёт ва саломатии) шахс ҳамон лаҳзае шуморида мешавад, ки яке аз қисмҳои бадани навзод аз батни модар ҳаддиақалл бо яке аз нишонаҳои ҳаёт ҷудо мегардад: нафасгирӣ, тапидани дил, набзи ноф, ҳаракатҳои табии мушакҳо. Шахс аз лаҳзаи тасдиқ шудани ташхиси марги майнаи сар ва ё факти марги биологӣ мавҷуди фавтида ҳисобида мешавад (аз ҳаёт ва саломатӣ маҳрум мегардад); 2) тарафи объективии қасдан расонидани зарари миёна ба саломатии шахс дорои сохти мураккаб мебошад, ки ба ин далел он танзими мукаммалтари қонунгузориро тақозо менамояд. Дар марҳалаи кунунӣ ҳангоми таҳияву муайянсозии моддаи м. 111 КҶ ҶТ қонунгузор набояд фақат ба оқибатҳои ҷиноятӣ таваҷҷуҳ зоҳир намояд, балки лозим аст то қонунгузор ҳамчунин дар аломатҳои вазнинкунанда равишҳои нисбатан хавфноки расонидани зарар ба саломатиро низ инъикос намояд. Ҳамчунин лозим аст то имкони воридсозии аломати вазнинкунандаи истифодаи силоҳ ё предметҳое, ки ҳамчун силоҳ ба кор бурда мешаванд, ба қ. 2 м. 111 КҶ ҶТ дар оянда баррасӣ гардад; 3) диссертант асоснок намудааст, ки ягона равиши муайянсозии дурусти кирдорҳои шахси воридкунандаи зарари миёна ба саломатӣ ин равишест,ки бар асоси он самту хусусияти қасди ҷинояткор муайян карда мешавад. Фақат чунин бархӯрд ба принсипи гунаҳгорӣ, ки дар м. 7 Кодекси ҷиноятии

ҶТ пешбинӣ шудааст, мутобиқат дорад ва он имкон медиҳад ҳам аз иттиҳоми объективӣ ва ҳам аз коҳиш додани беасоси дараҷа ва характери кирдори хавфноки ҷамъиятии содиргардида пешгирӣ карда шавад. Агар мақомоти тафтишотиву судӣмуайян намоянд,ки шахси гунаҳкор бо қасди алтернативӣ амал намудааст, дар ин сурат кирдори содиршуда бояд дар асоси оқибатҳои нисбатан хавфнок, ҷузъи қасди шахси ҷинояткор мебошанд, арзёбӣ гардад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионии Диссертатсияи Муқимов Сафарбек Давлатбекович "Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон", дар он зоҳир мегардад, ки баъди қабули Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1998 рисолаи илмии мазкур нахустин таҳқиқоти маҷмӯие мебошад, ки ба таҳлили низомноки масъалаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ, паҳлуҳои мушахаси илмӣ ва амалии он ва такмили минбаъдаи он бахшида шудааст.

Дар диссертатсия таҳлили амиқи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ, ба хусус: таърихи ташаккули қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ ва таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории ҷиноятиии давлатҳои пасошуравӣ оид ба қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ, объект ва предмети қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ, тарафи объективии қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ, субъект ва тарафи субъективии қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ, аломатҳои вазнинкунандаи қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ дода шудааст.

Ба назари эътибор гирифтани навгониҳои диссертатсия имконият медиҳанд, ки ба андешаҳои илмӣ дар доираи ҷинояти қасдан расонидани

зарари миёна ба саломатӣ дар илми ҳуқуқи ҷиноятии ватанӣ вусъат бахшида шуда, қонунгузории ҷиноятии ватанӣ ташаккул ёфта, онҳо дар таҷрибаи баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ вобаста ба ҷинояти қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ дастур гарданд. Инчунин, ба ҳайси маводи омӯзишӣ барои донишҷӯён, шунавандагон, унвонҷӯён, аспирантон, кормандони ҳифзи ҳуқуқ, судяҳо ва дигар шахсоне, ки ба масъалаҳои ҷинояти қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ ва ҷиноятҳо ба муқобили саломатӣ мароқ зоҳир менамоянд, истифода карда шавад.

Чунин нуқтаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда хусусияти навгонӣ доранд:

1. Диспозитсияи моддаи 111-и КҶ ҶТ танҳо аломатҳои саломатии ҷисмонии инсонро ифода кардааст, вале аломатҳои саломатии равонии инсон аз мадди назар дур мондаанд. Бинобар ин, беҳтар мешуд, ки дар диспозитсияи моддаи 111-и КҶ ҶТ дар баробари ифодаи «харобшавии тӯлонии саломатӣ ё ба таври устувору назаррас аз даст додани камтар аз сеяки қобилияти умумии меҳнатӣ» ифодаи «аз даст додани қобилиятҳои равонӣ ва саломатии равонӣ, ки ба бемориҳои руҳӣ монанд нест» илова карда шавад.

2. Дар диспозитсияи қисми дуюм банди зерин илова карда шавад: «нисбати шахси баръало ноболиғ, ё шахсе, ки дар ҳолати оҷизӣ қарор доштани ӯ барои гунаҳгор аён аст».

3. Бинобар сабаби он, ки бераҳмии махсус дараҷаи зарари расонидашударо меафзояд ва ҳамзамон шабеҳ будани банди «г» м. 111 ба банди «ж» м. 117-и КҶ ҶТ беҳтар мешуд, ки аз қисми дуюми моддаи 111-и КҶ ҶТ банди «г) бо бераҳмии махсус» хориҷ карда мешуд.

4. Истифодаи мафҳуми «зарар» муайяну мушаххас нест, зеро «зарар» ҳам хусусияти молумулкӣ ва ҳам хусусияти шахсии ғайримолумулкӣ (ҳаёт, саломатӣ, қадру қимат, обрӯ ва ғ.)-ро ифода менамояд. Истифодаи калимаи «зиён» фаҳмо ва муназзам ба назар

мерасад. Аз ин рӯ, калимаи «зарар», ки дар диспозитсияи м. 111 КҶ ҶТ оварда шудааст, ба калимаи «зиён» иваз карда шавад. Бинобар ин, номи м. 111 КҶ ҶТ ба «Қасдан расонидани зиёни миёна ба саломатӣ» иваз карда шавад.

5. Пешниҳоди Эзоҳ ба м. 11 КҶ ҶТ: «1. Зиёни миёна ба саломатӣ, зарарест, ки боиси харобшавии тӯлонии саломатӣ ё ба таври устувори назаррас аз даст додани камтар аз сеяки қобилияти меҳнатӣ гаштааст. 2. Харобшавии тӯлонии саломатӣ дар ҳолате ҷой дошта метавонад, ки дар натиҷаи зарар шахс қобилияти меҳнатии худро зиёда аз се ҳафта (21 рӯз) гум карда бошад. 3. Ба таври устувору назаррас аз даст додани қобилияти меҳнатӣ бошад, дар вақте ҷой дорад, ки шахс аз 10 то 30 фоизи қобилияти меҳнатии худро гум карда бошад».

**Асоснокӣ ва муътамад будани хулосаҳо ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия зикр гардидаанд.** Таҳлили диссертатсия, ақидаҳо, нуқтаҳои илмӣ, хулосаҳо, мафҳумҳои илмӣ, проблемаҳои қонунгузорӣ ва амалӣ, ки аз тарафи муаллиф пешкаш шудаанд, муайян намудани мавқеи мустақили хеш, асосноккунии нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳо бо истифода аз доираи кофии маводи илмӣ ва таҷрибаи амалӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки таҳқиқоти мазкур мустақилона навишта шудааст. Мундариҷаи кори илмӣ шаҳодати он аст, ки муаллиф тавонистааст бештари масъалаҳои вобаста ба мавзуи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои қасдан расонидани зарари миёна ба саломатиро таҳлил карда, мубрам будани онро нишон додааст, ки ин ҳадафи асосиашро ташкил медиҳад.

**Аҳаммияти илмӣ, амалии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.** Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ бадастомада мумкин аст барои ҳалли масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ дар самти ҳифзи саломатии инсон ва ҷавобгарӣ барои расонидани зарар ба саломатӣ истифода

карда шаванд. Таҳқиқоти пешниҳодшуда метавонад дар раванди таълими фанҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ва ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ, инчунин, дар курси махсуси таълимии ҳуқуқӣ, аз ҷумла фанни «Асосҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ» истифода шавад. Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он ифода мегардад, ки дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ҷиҳати такмили қонунгузории кишвар метавон хулосаву пешниҳодҳои таҳқиқотро вобаста ба масъалаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ истифода бурд. Хулосаву пешниҳодҳои таҳқиқот барои амалияи ҳуқуқтатбиқсозӣ ҷиҳати муайян кардани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои содир кардани ҷинояти қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ аҳаммияти калон доранд.

Натиҷаҳои бадастомада низоми донишҳои мавҷударо оид ба масъалаҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ барои қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ ҷамъбаст ва густариш медиҳад. Ҳамин тавр, аз рӯйи натиҷаҳои бадастомада, ба чунин хулосаи асоснок омадан мумкин аст, ки таҳқиқоти мазкур метавонад дар рушди минбаъдаи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва қонунгузории ҷиноятӣ саҳм гузошта, дар баробари ин баҳри бартараф намудани норасоиҳои ҷойдоштаи амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ ёрӣ расонад.

**Дар баробари ҷанбаҳои зиёди мусбат доштани таҳқиқоти унвонҷӯ баъзе масъалаҳои баҳснок ба мушоҳида мерасад. Бо дарназардошти андешаҳои боло баъзе эродҳо ба мазмун ва шакли диссертатсия ва авторефреат пешниҳод мешаванд:**

1. Дар саҳифаи 82 диссертатсия муаллиф қайд менамояд, ки инсон аз замони таваллуд то лаҳзаи марг дар ҳимояи қонун қарор мегирад. Дар ин замина бояд қайд намуд, ки муаллиф муқаррароти Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистонро вобаста ба масъалаи мазкур таҳлил накардааст. Зеро дар м. 232 КМ ҶТ омадааст, ки ҳаёти инсон аз лаҳзаи обистан шудан дар батни модар то марги ӯ ҳифз карда мешавад.

Дар сурати дар батни модар будан ба он зарар расонида шавад, масъалаи мазкур чи тавр бояд ҳал карда шавад? Шарҳи муаллиф вобаста ба масъалаи мазкур талаб карда мешавад.

2. Ба ақидаи муаллиф «Саломатӣ (ҳамчун предмети ҷиноят) ин вазъ ва ҳолати узвҳои организм то содиршавии ҷиноят мебошад, ки ба туфайли он инсон ҳамчун мавҷуди биологӣ» вуҷуд дошта метавонад (С. 83 диссертатсия). Ин ақидаи бунёдии муаллиф шарҳи иловагиро талаб мекунад. Оё "саломатӣ" предмети ҷиноят буда метавонад?

3. Зербоби якуми боби дуюми диссертатсия "Объект ва предмети қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ" номгузорӣ карда шудааст, ки баҳснок мебошад. Зеро ҷинояти мазкур предмет надорад. Дар ҷинояти мазкур ҷабрдида аз ҷиноят ҷой дорад. Аз муаллиф хоҳиш карда мешавад, ки предмети ҷинояти мазкурро исбот ва асоснок намояд, ҳамчунин онро шарҳ диҳад, агар он ҷой дошта бошад.

4. Дар саҳифаи 99 диссертатсия муаллиф қайд мекунад, ки яке аз навъҳои таснифи бештар паҳнгардида классификатсияи кирдорҳое шуморида. мешавад, ки бар асоси воситаҳои истифодашаванда ва тарзи корбурд муайян мегардад. Дар ин ҷо ба як савол муаллиф бояд ҷавоб диҳад, "тасниф" аз "классификатсия" чи фарқ дорад?

5. Дар пешниҳоди № 5 ба ҳимоя пешниҳодшаванда, ки хусусияти амалиро дорад, муаллиф чунин менависад: "Гипотеза ва диспозитсияи моддаҳои 110, 111 ва 112-и КҶ ҶТ бо ҳамдигар шабеҳ мебошанд, вале дар диспозитсияи моддаи 111-и КҶ ҶТ танҳо ифодаи «оқибатҳои дар моддаи 110 ҳамин Кодекс пешбинишударо ба миён наовардааст» муқаррар шудааст". Аз муаллиф хошиҳ карда мешавад, ки дар бораи гипотезаи ин ҷиноятҳо каме маълумот диҳад. Зеро профессор Шарипов Т.Ш. қайд менамояд, ки меъёрҳои Қисми махсус аз чунин унсурҳо (элементҳо) ба монанди диспозитсия ва санксия таркиб

ёфтаанд (Шарипов, Т.Ш., Азимов, Н.Б., Камолов, З.А., Насриддинов, М.Н. Ҳуқуқи ҷиноятӣ (қисми умумӣ). – Душанбе, 2010. – 256 с.).

6. Дар рӯйхати адабиёт ишора шудааст, ки дар диссертатсия 6 парвандаи ҷиноятӣ истифода гардидааст. Лекин таҳлил нишон дод, ки дар диссертатсия умуман таҷрибаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ вобаста ба ҷинояти мазкур истифода нагардидааст. Ҳол он ки, дар асоси маълумотҳои омории Раёсати омори судии Суди Олии ҶТ бармеояд, оид ба ҷинояти қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ (м. 111-и КҶ ҶТ) дар соли 2018 – 227 нафар, соли 2019 – 216 нафар, соли 2020 – 226 нафар ва дар соли 2021 – 225 нафар ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шудаанд. Шарҳи муаллиф вобаста ба истифода наградидани маводҳои амалия дар диссертатсия талаб карда мешавад.

Албатта, камбудиҳои зикршуда сифати таҳқиқоти диссертатсионии тақризшавандаро паст намекунанд ва баҳои мусбати диссертатсияро тағйир намедиҳанд.

Хулосаҳои пешниҳодгардидаи Муқимов Сафарбек Давлатбекович дуруст ва илман асоснокаанд. Бешубҳа, натиҷаҳои таҳқиқоти илмии тақризшаванда аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ доранд ва метавонанд дар фаъолияти илмӣ ва раванди таълим истифода шаванд.

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Мутобиқати тахассуси илмии Муқимов Сафарбек Давлатбекович барои дарёфти дараҷаи илмӣ ба ихтисоси 12.00.08 - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) ҷавобгӯ буда, ҳамзамон робитаи кор бо ихтисоси мазкур мувофиқ аст. Яъне, диссертатсия дар доираи лоиҳаи илмии кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи

факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (Сиёсати ҳуқуқии ҷиноятии ҶТ дар даврони муосири рушд) иҷро гардидааст.

**Чоп намудани таълифоти натиҷаҳои диссертатсия дар матбуоти илмӣ.** Муқимов Сафарбек Давлатбекович муаллифи 12 маводи илмӣ, аз ҷумла 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва 5 мақола дар дигар маҷаллаҳо мебошад, ки ба таҳлили паҳлуҳои гуногуни « Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» бахшида шудаанд. Аз ин теъдоди асарҳои илмӣ, 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд.

Муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳои муаллиф дар конференсияҳои сатҳи байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ инъикос ёфтаанд. Бахусус: Конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ бахшида ба таҷлили 30-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзуи Рушди илмҳои башардӯстӣ (гуманитарӣ) дар 30 соли Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон маърӯза дар мавзуи «Қасдан расонидани зарари миёна ба саломатии шахс дар қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷи дур» (Рашт, соли 2021); Конференсияи илмӣ-назариявии устодон, кормандон ва донишҷӯён бахшида ба 25-солагии рӯзи Ваҳдати миллӣ ва «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040)», маърӯза дар мавзуи «Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории ҷиноятии давлатҳои пасошӯравӣ оид ба қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ» (Рашт, соли 2022).

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ.** Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия ба сатҳи навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсия, нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд,

мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ асоснок карда мешавад. Ҳамзамон, масъалагузорӣ ва сабки диссертатсия саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳанд.

**Мувофиқати автореферат ба муҳтавоии диссертатсия.** Автореферат ба муҳтавои диссертатсия мувофиқат дорад. Дар автореферат натиҷаҳои асосии таҳқиқоти дисертатсионӣ, аз он ҷумла мазмуни мухтасар ва кофии бобҳо ва зербобҳои диссертатсия дарҷ ёфтаанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Муқимов Сафарбек Давлатбекович дар мавзӯи "Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон" ба талаботи банди 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Натиҷа ва нуқтаҳои навини илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

**Қисмати хотимавии тақриз.** Аз омӯзиши матни пурраи диссертатсия ва автореферат хулоса намудан мумкин аст, ки таҳқиқоти довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Муқимов Сафарбек Давлатбекович дар мавзӯи "Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон" пурра ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, бахусус, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35, Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд, зеро натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф барои рушди илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва соҳаҳои дигар мусоидат карда, боис мегарданд, ки яке аз масъалаҳои муҳимми илми ҳуқуқи ҷиноятӣ, яъне ҷавобгарии ҷиноятӣ барои қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ, такмил ёбад. Хулоса, пешниҳод ва дастовардҳои муаллиф барои рушди қонунгузорӣ, фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва судӣ аҳаммияти муҳим доранд. Ҳамзамон, онҳо метавонанд, ҳангоми таҳия ва татбиқи барнома, стратегия ва консепсияҳои давлатӣ дар самти ҷавобгарии ҷиноятӣ барои қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ истифода шаванд. Маводи диссертатсия ҳангоми тадриси фанни таълимии ҳуқуқи ҷинноятӣ, ҳангоми иҷрои корҳои мустақилона, навиштани рисолаҳои дипломӣ, магистрӣ, диссертатсияҳо метавонад ба таври васеъ мавриди истифода қарор гиранд, ки ҷанбаҳои мусбати корро нишон медиҳанд.

Дар маҷмуъ, Муқимов Сафарбек Давлатбекович, сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08. - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад. Тақризи мазкур бо дарназардошти талаботҳои бандҳои 71 ва 72 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, омода гардидааст.

Диссертатсия ва тақризи муассисаи тақриздиҳанда дар семинари васеи илмӣ-назариявии кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионии факултети менеҷмент ва ҳуқуқи тиҷоратии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Суратҷаласаи семинарии васеи илмӣ-назариявӣ таҳти №1 аз 21 августи соли 2023.

Тақризи муассисаи тақриздиҳанда аз ҷониби Гайратов Тимуршо Мубракшоевич – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ (аз рӯи ихтисоси

12.00.08), дотсенти кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионии факултети муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ, ҳуқуқ ва гумруки Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, муҳокима ва ҷонибдорӣ шудааст. Суратҷаласаи кафедра таҳти №1 аз 21 августи соли 2023. Дар ҷаласаи кафедра аз 15 нафар иштирок доштанд: 13 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 13, «зид» – нест, «бетараф» – нест. Суратҷаласаи кафедра таҳти №1 аз 21 августи соли 2023.

Раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, мудири
кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва
зиддикоррупсионии Донишгоҳи
давлатии тиҷорати Тоҷикистон Алиев Ф.Ш.

Ташхисгар, дотсенти кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ
Ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии
тиҷорати Тоҷикистон, номзади илмҳои
ҳуқуқшиносӣ Гайратов Т.М.

Котиби ҷаласа, муаллими калони кафедраи
ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионии
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Ҷабборов Ф.Н.

Имзои Алиев Ф.Ш., Гайратов Т.М.
ва Ҷабборов Ф.Н.-ро тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Пирзода С.С.

22 августи соли 2023

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, 734055, ш. Душанбе, кӯчаи деҳоти ½ тел.: (+992 237_ 234-83-46. E-mail.: tguk@mail.ru http//www.tguk.ru